АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015

УДК: Тоҷик+902. 6+902. 7+33 Тоҷик+37

ОДИНАЕВ А.Н.[1]

# ИНЪИКОСИ ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДӢ ДАР «РӮЗНОМАИ САФАРИ ИСКАНДАРКӮЛ»–И АБДУРАҲМОНИ МУСТАҶИР

Дар мақолаи мазкур ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардуми болооби Зарафшон дар нимаи дуюми асри XIX, ки дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Абдураҳмони Мустаҷир инъикос ёфтааст, баррасӣ гардидааст.

«Рӯзнома» дар баробари вазифаҳои мушаххаси экспедитсия, асосан вазъи ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ аҳолии болооби Зарафшонро нишон додааст. Аз ин рӯ, «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Абдураҳмони Мустаҷир сарчашмаи муҳимми таърихӣ барои омӯзиши ҳайёти иҷтимоӣ – иқтисодии мардуми болооби Зарафшон дар нимаи дуюми асри XIX ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодӣ, вазъи иҷтимоӣ, фарҳанг, хоҷагии қишлоқ, дафтари сафар, бозор, карбосбофӣ, заршӯӣ, Искандаркӯл, ҳаёти иқтисодӣ.

Дар илми таърих ва таърихнигорӣ, сафарномаву рӯзномаҳо чун маъхази ниҳоят муътамад, аҳамияти махсусе доранд. Мумкин аст, ки барои муҳаққиқон ва хонандагон суоле ба миён ояд, ки чаро сайёҳон ва сафарноманависони аврупоӣ дар осорашон барои мавзӯъҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна, аҳамияти вижае медоданд? Посухи ин пурсишро бояд дар муҳтавои маъмурони сиёсӣ ва далели сафарномаҳои онҳо ба Осиё, бахусус Бухорову Самарқанд ва дигар мавзеъҳо ҷустуҷӯ кард.

Иддае аз русҳо ба манзури таҳқиқу пажӯҳиш омада, бо ин мавзеъҳо робитаи бардавоми илмии худро оғоз намудаанд. Ин робитаи илмӣ сабаб шуд, ки ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсии мардуми Осиёи Миёнаро аз дидгоҳи худ омӯхта ва дар ин раванд мушоҳидоти худро дар шакли сафарномаву рӯзномаҳо худро таълиф намоянд. Дар байни ин «сайёҳон» бархе низ сирфан намояндагони маъмурию сиёсии Русияи подшоҳӣ буданд, ки вазифаи онҳо баррасии нуқтаи заъф ва қудрату неруи сиёсии низоми амирӣ буд. Сайёҳон ва сафарноманависон, дар баробари муддаии тадвини таърихи Осиё будан, балки ҳадафи бештари онҳо шиносоӣ бо мардуми минтақа ва фарҳангу тамаддуни мардуми ин ҳисоб меёфт.

Онҳо дар асоси иртибот бо маъмурони доираи давлатӣ ҳатто тавонистаанд оид ба доираи васеи масъалаҳои гузориши хуберо ироа кунанд. Бинобар ин муқаддимае, ки матраҳ шуд, сафарнома ва рӯзномаҳоро метавон чун инъикосгари муҳимме ба масоили таърихиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ бахшида шуда ҳисоб кард. Сафарномаҳоро бо сабаби ин ки аз назари муҳтаво ба мавзӯъҳои сирфан сиёсӣ ворид намегарданд, аҳамият ва арзиши зиёде доранд. Нависандагони сафарномаҳо бештар ба вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи бештаре доштанд.

Рӯзномае, ки маълумоти дақиқ аз Кштут, Фалғар, Моғиён, Мастчоҳ, Яғноб ва… дар ихтиёри русҳо қарор дод, ин «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Мирзо Мулло Абдураҳмон ибни Муҳаммадлатифи Мустаҷир мебошад [1, 6].

[1] **Адрес для корреспонденции:** Одинаев Абдумавлон Назирович - аспирант Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Маяковский, 70/2. +992927648787 (моб.) E-mail: abdumavlon1987@gmail.com

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар ҳаёти мардуми болооби Зарафшон аз ҳар ҷиҳат муҳим ва қобили таваҷҷуҳ мебошад, ин ҳолати рушди иҷтимоию иқтисодии мазеи мазкур дар нимаи дуюми асри XIX мебошад. Абдураҳмони Мустаҷир ба он тавваҷҷуҳи хоссае зоҳир намуда, дар «Рӯзнома»-и худ кӯшидааст вазъи зиндагии мардум, сарчашмаи даромади онҳо ва манбаи рӯзгори эшонро инъикос намояд. Ба ин хотир муаллифи «Рӯзнома» ба як қатор омилҳое ишора мекунад, ки зиндагии мардум аз онҳо вобаставу сабаби рӯзгори эшон буд.

Бинобар навиштаи Мулло Абдураҳмон, машғулияти аксари мутлақи кӯҳистониён деҳқонӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ буда, ғалларо дар ҳар хоҷагӣ барои эҳтиёҷоти худ мекориданд ва ин ҳам ба қадре, ки эҳтиёҷро рафъ намекардааст. Махсусан, биринҷро аз бозорҳои дигар харида меовардаанд. Вале касе ғалла намефурӯхтааст. Бисёриҳо боғча, боғ ва ё чорбоғ доштаанд. Як қисми меваи хушки дарахтон, чорво ва як андоза маҳсули чорворо кӯҳистониён дар бозорҳои Самарқанд, Уротеппа, Шаҳрисабз, Ҳисор, Панҷакент, Хуҷанд, Миёнкол, Ҷиззах, Каттақӯрғон ва дигар шаҳрҳо фурӯхта, бар ивазаш ғалла, намак, асбоби рӯзгор, либос, асбоби зебу зинат ва китоб мехариданд. Мувофиқи мушоҳида ва гувоҳии Абдураҳмони Мустаҷир, зироати аҳолии Кӯҳистон асосан аз ғалладона иборат будааст, ки барои хӯроки мардум ва чорвои онҳо сарф мешуд. Намудҳои ин зироат асосан ҷав, арзан, гандум, боқило, мулк, кӯнок, зағир, индов, мош, ҷуворӣ иборат буд [1, 11].

Абдураҳмони Мустаҷир дар «Рӯзнома» танҳо ба ҳаҷми замини садаи болои Мастчоҳ таваҷҷуҳ намуда, онро ба садаи миёнаву поён ва зироату тарзи киштгардони онро муқоиса намуда менависад, ки «Як ман замини садаи боло аз як ман замини садаи поён калон ва васеътар мебошад, аз он сабаб ки замини онҳо хунук ва сарҳаду чет мебошад. Дигар расми мардуми деҳаҳои мазкур он ки дар як ман замин як сол ҷав ва соли дигар гандум мекоштаанд. Ҳар сол ҳамин гуна киштгардон доштаанд» [1, 85; 2, 115].

Абдураҳмони Мустаҷир доир ба шуғл ва касбу кори аҳолии Кӯҳистон, муносибатҳои савдоӣ, сатҳи зиндагӣ, маишат, дараҷаи саводнокии онҳо ва мақоми зан дар оила ва рӯзгордории кӯҳистониён диққати хос медиҳад [2, 12].

Кӯҳистон аз ҷиҳати иқтисодӣ аз вилоятҳои гирду атрофи худ фарқ намекард. Рустоҳои нообод, заминҳои камҳосили ҳаҷман хурд, пулҳои ларзон, роҳҳои душворгузари пурхатару танг, кулбаю манзил, либосу палос, хӯроку таом ва чиҳози фақиронаи мардум, қӯрғонҳои вайрон, заҳмати тоқатфарсои аҳолӣ, ва ҷангҳою тохтутозҳои маҳаллӣ аз бенавоӣ, қашоқӣ ва камбағалии мардум дарак медоданд [1, 54].

Кӯҳистон аз қадим макони боғдориву чорводорӣ буда ва ба ин амал А. Мустаҷир таваҷҷуҳ намуда, дар атрофи ҳар як деҳа мавҷуд будани боғотро қайд менамояд. Дарахтҳои маъмули боғоти Кӯҳистон зардолу, себ, тут, шафтолу, чормағз, санҷид, олуча, биҳӣ, ношпоттӣ буда, токзорҳо камтар ба назар мерасидаанд. Аз дарахтонн бесамар бед, сафедор, арар, сада зиёд буда, онҳо чун масолеҳи сохтмонӣ истифода мешуданд [1, 12].

Чорвои аҳли Кӯҳистон аз гӯсфанду буз, гов, хар ва асп иборат буда, дар садаи болои Фалғар одамони дорои чунин чорворо бой мегуфтаанд, Абдураҳмони Мустаҷир ба ин нуқта чунин ишора намуда, ки «Бойҳои мавзеи мазкур аз гӯсфанд бисёр надоранд. Одаме, ки яксаду бист гӯсфанд ва ду асб ва чаҳор гов ва ду-се хар дошта бошад, онро бой мегӯянд». Дар бораи бойҳои Мастчоҳ Мустаҷир менависад: «Агар касе сад гӯсфанд ва ё бештар дошта бошад, мардуми он ҷо онро бой мегуфтаанд. Он касе, ки замин надошта бошад ва камтар мол дошта бошад, онро камбағал мегуфтаанд» [1, 92; 2, 101-104].

Мулло Абдураҳмон ҳамчунин аз ҳунару пешаҳое маълумот дода онро меросӣ мегӯяд, ки хоси мардуми баъзе мавзеъҳои ин сарзамин будааст. Масалан, дар Варзиманор як қисми аҳолӣ ба заршӯӣ машғул будаанд, истеҳсоли навшодиру зокшӯӣ дар Пете ривоҷ доштааст.

Дар бораи тавлиди навшодиру зокшӯӣ У. Эшонқулов дар Фон, Пете, Канте, Пиниён, Ғаберуд ва Работ менависад, ки музди меҳнати моҳонаи ҳар нафаре ба ду-се танга дар як моҳ рост меояд [3, 328].

Музофоти Кӯҳистон, ки дар соҳили рӯдхонаи Зарфшон ҷойгир аст, барои заршӯӣ хеле мусоид буд ва истиқоматкунадагони ин минтақа аз заршӯӣ истифода намуда, зари ба даст омадаро дар бозорҳои Ӯротеппа бурда мефӯрухтаанд. Дар ин маврид Абдураҳмони Мустаҷир чунин менависад, ки «Дар садаи боло дар Ланглиф заршӯӣ ҳаст, дар садаи миёна дар Ревомут (к) ва дар садаи поён дар чанд ҷой заршӯӣ низ ҳаст» [1, 97; 2, 244].

Барои аҳолии маҳаллӣ ва махсусан кишоварзону чорводорон молиёти аз ҳама миёншикан «закот» ба шумор мерафт. Ин навъ молиёт аслан мебоист аз чил як қисми чорворо ташкил диҳад. Аммо амалан ин тавр набуд. Абдураҳмони Мустаҷир дар «Рӯзнома» зиётар таваҷҷуҳи худро ба ин намуди пардохти молиёт, яъне закот дода, дар бисёре аз рустоҳои Кӯҳистон ишора ба он менамояд, ки аҳолӣ аз ин ё он намуди мол ё молиёти худ закот намедиҳанд. Чунонки қайд кардааст «Заршӯйҳо закот намедодаанд. Заршӯйҳо зарро шуста гирифта, ба вилояти Ӯротеппа бурда фурӯхта, чизҳои даркориашонро гирифта меовардаанд. Дар садаи миёна зарро дар моҳи ҳамал ва дар охири тирамоҳ мешустаанд [1, 97; 2, 245].

Ғайр аз пардохти закот, боз муаллиф дар бораи никоҳпулӣ, таракапулӣ ва сабилак ишора намуда қайд мекунад, ки пули никоҳона ва таракапулӣ ва закотпулӣ ҳам ба подшоҳӣ медодаанд. «Аз ин пулҳо ба қозӣ намерасидааст… Ва аз таракапулӣ аз шаст тилло як тилло ба подшоҳӣ медодаанд. Агар касе мурда бошад, ворис надошта бошад, мол бесоҳиб ва моли сабилак* дониста, ӯ ҳам ба байтулмоли подшоҳӣ мерасидааст» [1, 91; 2, 108].

Ба назари А. Д. Гребекин омилон медонистанд, ки закотро ба онҳо аз ҳаҷми муқаррарӣ камтар дода инро ба манфиати худ истифода мекараданд.

Закотро танҳо аз моли майда ҷамъ мекарданд. Аз асп, чорвои шохдор ва хар закот ситонида намешуд. Андозаи закот аз рӯи чунин ҳисоб муқаррар карда мешуд: аз 40 сар моли майда як сар, аз 101-2, 201-3 ва ғайра. Бино ба шариати ислом аз $^{1}/_{40}$ моли майда закот дода мешуд, аз сабаби он ки дар Кӯҳистон дороӣ камтар буд, закот $2^{1}/_{2}$ камтар аз андозаи муқаррари гирифта мешуд [4,5; 71 – 83].

Маълумоти дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» оварда, вазъи фарҳангию маълумотнокии мардуми Кӯҳистонро тасаввур кардан мумкин аст. Мувофиқи шаҳодати муаллифи он дар деҳаҳое, ки аз 10-15 хонавор бештар аҳолӣ доштанд, мактабхона мавҷуд будааст. Деҳаҳои Марзиҷ Анзоб, Роғ, Водиф, Хишортоб, Урметан, Пинён 2, Обурдон, Махшеват, Панҷакент 3 ва Ҷиҷик, Рарз 4 мактаб доштаанд. Дар аксарияти онҳо писарбачаҳо аз 6-солагӣ зимистон таълим гирифта, тобистон дар корҳои хоҷагии оила иштирок мекарданд.

Абдураҳмони Мустаҷир дар мавриди сатҳи донишандӯзии аҳолӣ менависад, ки «Муллои китобхон дар ҳар кишлоқ панҷяк мебарояд. Онҳо дар Самарқанду Бухоро хонда ва китобро ҳам аз он ҷо меовардаанд [1,2]. Дар мавридҳои дигар дар мадрасаҳои Уротеппа, Ургут, Ҳисор ва ғайра низ таҳсили илм кардани кӯҳистониён таъкид мегардад. Дар худи Панҷакент низ мадрасае мавҷуд буд, ки онро Олимдодхоҳ (асри XVIII. - О. А.) сохтааст ва бинои он алҳол боқист [1, 1734; 2, 304-305].

Боиси тазаккур аст, ки Абдурҳмони Мустаҷир иттилои худро доир ба мулкҳои болооби Зарафшон идома дода, дар бораи мавҷуд будани лалмӣ ва лалмикорӣ чунин маълумот овардааст: «…лалмикории садаи болои Мастчоҳ чунин аст, ки дар деҳаи Роғ лалмикорӣ дар ёнаи кӯҳ будааст. Дар ин деҳа замини обӣ кам будааст. …Дар мавзеи Худгиф ҳам лалмикорӣ будааст» [2, 83-89].

Муаллифи «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» дар хусуси додани ушр аз заминҳои лалмӣ дар деҳаи Роғ ишора намуда менависад, ки онҳо аз замини лалмӣ ушр медодаанд. Маънии ушр даҳяк гуфтан аст. Масалан, аз даҳ табақ як табақ аз они подшоҳӣ мешудааст, ки аз ғалла медодаанд. Замини лалмиро дар вилояти Қаротегин қарроқ мегӯянд. Ва маҷмӯи лалмикории садаи боло тахминан чаҳорсад ман замин будааст, ки аз ҳамон ба подшоҳӣ ушр медодаанд [1, 204-205].

* моли бесоҳибмонада

Чуноне зикр гардид, Абдураҳмони Мустаҷир дар «Рӯзнома»–и худ бо фарохии такомули соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, муносибатҳои тиҷоратиро дар Кӯҳистон дар асоси санаду далелҳои эътимодбахше мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамин тариқ, дар охири асри XIX мулки Кӯҳистон мисли бекигариҳои Бухоро ҳаёти пурмашаққати иқтисодиву иҷтимоии ба мардуми Кӯҳистон хос бударо, аз сар гузаронидааст.

**Адабиёт**

1. Мустаджир, Абдураҳмон. Дневник Искандаркульской экспедиции (рукопись) / А. Мустаджир// Архив Санкт–Петербургского отделения Института востоковедения РАН. – Док. 133–134. - 711.
2. Мустаҷир, Абдураҳмон. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл / М А. Мустаҷир; [ҳозиркунандагони чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот, Аълохон Афсаҳзод ва Мирзо Муллоаҳмадов]. – Душанбе: Ирфон, 1989. –176 с.
3. Эшонкулов, У. История земледельческой культуры горного Согда (с древнейших времен до начала XX в.) // У. Эшонкулов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 849.
4. Гребенкин, А.Д. Заметки о Зеравшанской долине / А.Д. Гребенкин // Туркестанские ведомости. – 1873. – № 24.
5. Гребенкин, А. Д. Заметки о Когистане / А. Д. Гребенкин // мат. для сатат. тур. края. Вып. 2. – СПб., 1873. - 573 с.

**ОДИНАЕВ А. Н.**

## ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНО – ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ В «ДНЕВНИКЕ ИСКАНДЕРКОЛЬСКОЙ ЭКСПЕДИЦИИ» АБДУРАХМАНА МУСТАДЖИРА

Данная статья посвящена анализу проблемы отражения жизни и занятости населения верховьев Заравшана в «Дневнике Искандеркульской экспедиции» Абдурахмана Мустаджира. В ней также рассматриваются цели и задачи данной экспедиции.

Автор уделяет особое внимание народное традиция и социально – экономическое положение населения верховьев Зеравшана.

«Дневнике Искандеркульской экспедиции» *А*. Мустаджира является важным источником в изучении социально-экономического положения населения верховьев Зеравшана второй половине XIX века.

**Ключевые слова**: экономика, социальное положение, культура, путевой дневник, сельское хозяйство, рынок, тканье карбаса, золотоискатель.

**ODINAEV A.N.**

## REFLECTION OF SOCIAL – ECONOMIC SITUATION IN THE «DIARY OF ISKANDERKOL EXPEDITION» ABDURAHMAN MUSTADZHIR

This article is devoted to the analysis of the reflective problems of life and employment in the upper reaches of the Zarafshan «Diary Iskanderkul's expedition» Abdurahman Mustadzhira. In The diary… along with the trial reflected the purpose and objectives of this expedition author pays special stapling life, traditions and socio-economic status and the population of the upper Zarafshan this the diary. This «Diary...» A. Mustadzhir is an important historical source for the study of the socio-economic situation Zeravshan's Kuhistan in the second half of the XIX century.

**Keywords**: economy, social culture, travel diary, agriculture, market Carbosil fabric, gold digger.